# ХУЛОСАИ

мушовири илмӣ ба диссертатсияи унвончуи дарачаи илмии номзади илмҳоги педагогӣ Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна соли 1990 Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимовро бо ихтисоси омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ хатм намудааст.

Қаландарбекова Бунавша аз соли 1995 то соли 2008 дар вазифаҳои омӯзгор ва омӯзгори калони кафедраи баскетболи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов фаъолият намудааст. Мавсуф солҳои 2008 – 2020 мудири кафедраи бозиҳои варзишӣ, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи баскетбол, муовини декани факултети омодагии дифои ҳарбӣ, муовини декани факултети сайёҳии кӯҳӣ адои вазифа намудааст. Айни замон дар вазифаи мовини ректор оид ба тарбия, идеология ва робита бо ҷомеаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов фаълолият намуда истодааст.

Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна солҳои дар кафедраҳои бозиҳои варзишӣ ва баскетбол фаъолият намуданаш ба корҳои илмӣ рағбат пайдо намуда буд. Номбурда пайваста дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва ҳамоишҳои илмии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов оид ба масъалаҳои мубрами тарбияи ҷисмонии хонандагону донишҷӯён бо маърузаҳои илмӣ баромад менамуд. Ҳамин тавр, майлу рағбати Қаландарбекова Бунавша ба корҳи илмӣ пайваст зиёд гардида, бештар диққати ӯро таҳқиқи масъалаҳои бозиҳои серҳаракати миллӣ ба худ ҷалб менамуд. Ӯ оид ба проблемаи мазкур чандин сол таҳқиқоти илмӣ бурда, соли 2018 рисолаи номзадиашро бо муваффақият дифоъ намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ гардид.

Қаландарбекова Бунавша баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотии худро оид ба масъалаҳои мубрами тарбияи ҷисмонии хонандагону донишҷӯён идома дода, мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»-ро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намуд.

Мавзӯи интихобнамудаи унвонҷу Қаландарбекова Бунавша аз он ҷиҳат мубрам аст, ки фарҳанги варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар тӯли

таърихи инсоният на танҳо роҳи шинохти инсон ва худшиносӣ ба ҳисоб мерафт, балки як роҳи ташаккули худи шахс низ ба ҳисоб мерафт. Унвонҷу тарбияи ҷисмонии хонандагонро дар доираи бозиҳои миллӣ аз нуқтаи назари илмӣ-педагогӣ дар алоқамандӣ бо тарзи ҳаёти солим таҳлилу арзёбӣ намудааст. Ҳамзамон, мавзӯи интихобнамудаи унвонҷу боз аз он ҷиҳат мубрам аст, ки расонаҳои интернетӣ ба тарзи ҳаёти солими хонандагон таъсири манфӣ мерасонанд ва дар ин маврид варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ метавонанд онро ба тарафи мусбӣ майл диҳад.

Дар диссертатсия барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаҳои муҳим, ба монанди фаъолияти муштараки мактаб ва оила дар тарбияи тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ тавассути бозиҳои серҳаракати миллӣ дар заминаи анъанаҳои педагогикаи халқӣ; самтҳои методии дарси тарбияи ҷисмонӣ ва ҳавасмандгардонии хонандагони синфҳои болоӣ дар соҳаи варзиш вобаста ба бозиҳои миллӣ; моҳияти тарбиявии бозиҳои миллӣ барои ҳисси худшиносии миллӣ ва ватандустии хонандагони синфҳои болоӣ матраҳ гардидааст.

Дар таҳқиқоти анҷомдодаи Қаландарбекова Бунавша асоснок кардани зарурати фаъолияти муштараки мактаб ва оила дар тарбияи тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ тавассути бозиҳои серҳаракати миллӣ ҳамчун масъалаи калидӣ маҳсуб дониста мешавад. Ба ин таҷриба ва озмоишҳои гузаронидашудаи унвонҷу гувоҳӣ медиҳанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти Қаландарбекова Бунавша аз он иборат аст, ки дар диссертатсия бо такя ба таҳқиқотҳои педагогҳо ва психологҳои ватанию хориҷӣ таҳлили илмӣ-назариявии бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кушода дода шудааст. Ғояи асосии диссертатсияро низ назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил дода, он давра ба давра дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ амалӣ гардидааст.

Дар давраи анҷом додани диссертатсия унвонҷӯӣ Қаландарбекова Бунавша худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор, эҷодкор муаррифӣ намуда, супоришҳои аз ҷониби мушовири илмӣ пешниҳодгардидаро сари вакт иҷро менамуд. Мақолаҳои илмӣ-методии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Қаландарбекова Бунавша оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ 31 мақола ба нашр расонидааст, ки 15-тои он дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комисияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия интишор ёфтаанд.

Қаландарбекова Бунавша дар конференсиҳои илмӣ-амалии минтақавию ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Дар давраи омодасозии диссертатсия Қаландарбекова Бунавша теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ омӯхта, таҳлилу натиҷагирӣ намуда, аз худ бовиҷдонӣ, фаъолнокӣ, иродонокӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
президенти Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Ш.А. Сафаров

Имзои Ш.А. Сафаровро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши кадрҳо ва
коргузории АТТ М. Саидова

**Маълумот барои тамос:** 734 024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2 www.aot.tj